Тарҡризи

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии доктори PhD – и омӯзгори калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи "Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон".**

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот.** Муҳоҷират – раванди ҳаракати аҳолӣ тавассути сарҳади байналмилалӣ ва ё дар ҳудуди кишвар мебошад. Муҳоҷират ҳамонгуна шакли интиқоли одамонро вобаста аз давомият, ҳайат ва сабабҳо дар бар мегирад; муҳоҷирати интиқолӣ (ҳаракати) одамон аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоӣ, афроди нақли макон ёфта, ашхоси берун ронда шуда, гурезагон ва муҳоҷирони иқтисодиро дар бар мегирад.

Муҳоҷират дар худ ҷанбаҳои ҳаёти демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодию географи ва ҳам маърифатиро (маълумотнокӣ) дар бар мегирад. Моҳияти муҳоҷирати муосир дар самтҳои салоҳият ва имкониятҳои ба кор шомил шудани аҳолиро зоҳир менамояд.

Агар ба муҳоҷират ҳамчун як падидаи табиӣ назар намоем, маълум мегардад, ки он дар тули таърих дар пайдоиши тамаддунҳо, пайванди наслҳо, дар густариши фарҳангу тамаддунҳо нақши бузург дорад ва метавонад дошта бошад. Муаян намудани таъсири муҳоҷират, моҳият ва хусусиятҳои асосии он, қувваҳои ҳаракатдиҳанда ва муаянкунандаи рафтори муҳоҷирони меҳнатӣ, масъалаҳои асосие ба ҳисоб мераванд, ки бояд омухта шавад.

Мутаасифона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илмии объективии вазъи муҳоҷират, идоракунии он нисбатан суст ба роҳ монда шудааст. Идоракунӣ ва ба низом даровардан, муаян намудани омилҳои иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон то ҳол ҷиҳатҳои назариявию методологияш ҳаматарафа муаян нагардидааст, бинобар

ин ҳалталаб мебошад, ки гуфтаҳои боло муҳимияти мавзуи тадқиқотро муаян мекунад.

Навгониҳои илмии омӯзиши рисолаи мазкур дар он аст, ки муаллиф аҳамияти муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун омили ҳамгирой дар тақсимоти байналмилалии географии меҳнат асоснок намуда, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатиро таҳлил намуда, консепсияи роҳҳо ва усулҳои иқтисодӣ – географӣ ҳалли мушкилотҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатиро муаян намудааст.

Ба ғайр аз он зарурати ташкил намудани шакли муҳоҷирати муташаккил асоснок карда шуда, омилҳои асосии он ҳам аз ҷиҳати мусби ва ҳам аз ҷиҳати манфӣ нишон дода шудааст.

**Мақсад ва ҳадафҳои омӯзиш**. Ин коркарди методологию назариявии ҳалли мушкилотҳои иқтисодию иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, чорабиниҳои давлати ва коркарди нақшаю чорабиниҳо оид ба равандҳои муҳоҷиратро асоснок карда онҳоро амали намудан мебошад.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти муалиф дар 9 адад мақолаҳои чопи аз он ҷумла 4 адад дар журналҳое, ки ба Бюлитени Камисияи Олии Атестатсионии вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия дохил мешаванд ба чоп расидааст.

Натиҷаҳои асосии тадқиқот ва пешниҳоду таклифҳое, ки дар вақти омода намудани рисола ба даст омадааст дар 3 конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳи оид ба масъалаҳои хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ муҳокима шудааст.

Рисолаи номбурда ба шиносномаи (паспорти) ихтисоси 25.00.24-Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мувофиқат мекунад.

Автореферат (фишурдаи рисола) асосан мазмуну мундариҷаи рисоларо нишон медиҳад ва аз руи талаботҳои асосии Комисияи Олии Атестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия омода шудааст.

Дар ҷамъбаст, ҳаминро бояд қайд намуд, ки Ҳақназаров Умарали дар давоми фаъолияти илмиаш ва таҳсил дар шўъбаи аспирантура зинаи доктор PhD ҳамчун олими ташабускор, ҷуянда ва меҳнатдўст худашро муаррифи намуда дар рафтги тадқиқот усулҳои муқоисавӣ, картографӣ. оморӣ, модулсозии математикӣ. саҳроӣ, пурсишҳои сотсиологӣ истифода бурда ба дараҷаи баланди илмӣ ноил гашт. Натиҷаҳои илмие, ки Ҳақназаров Умарали ба даст овард дар асосӣ тадқиқотҳо ҷидди назариявӣ-методологӣ ба даст омадааст. Умарали ҳангоми тадқиқот аз пажуҳишҳои сотсиологӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ, ҳисоботҳои оморӣ, диссертатсияҳою монографияҳо, маводҳои семинарӣ ва конфронсҳои илмӣ васеъ истифода бурда оиди такмил додани омилҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ ва идоракунии он пешниҳодҳои муфид намудааст.

Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали мустақилона ба итмом расонида шуда ба талаботи Камисияи Олии Атестатсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад.

Бояд хотиррасон кунем, ки муаллифи диссертатсия Ҳақназаров Умарали барои ноил шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD). доктор аз рўйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсиони сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ**
**Профессори кафедраи географияи иқтисодӣ**
**ва иҷтимоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **А. Ҷўраев**

**Имзои Ҷўраев А. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Мустафозода А.**
**«20» 09 2022 с.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003 ш. Душанбе, х. Рудаки 121. www.tgpu.tj;
E-mail: info@tgpu.tj, тел: +992 (37) 224 13 83